«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав
д.и.и., профессор
_______________ Қурбонзода М.Р.
«27» ___03___ соли 2024

**Хулосаи**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Баррасии диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи «Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ).

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав анҷом дода шудааст.

Азиззода Рухсора Назир, соли таваллудаш 26.12.1978, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2018 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси таърих-бойгоншиносӣ, касб таърихчӣ-корманди бойгонӣ ва омӯзгори таърих хатм кардааст.

Азиззода Рухсора Назир бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 19.02.2019 таҳти №24ª-фа унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 24.06.2019, №11 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ – доктори педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Миҷидова Бибиҳафиза таъйин гардидааст.

Азиззода Рухсора Назир имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 4 (хуб) аз 15.02.2024, таърих ва фалсафаи илм 4 (хуб) аз 29.06.2022 ва имтиҳони номзадӣ аз рӯйи ихтисоси (13.00.05. назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ) – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ 5 (аъло) аз 14.03.2024 супоридааст.

Фаъолияти меҳнатиашро солҳои 2013-2014 ба ҳайси сардори раёсати кадрҳои Раёсани назорати давлатии байторӣ дар сарҳади давлатӣ ва нақлиёти вилояти Хатлон. Солҳои 2014-2020 ба сифати котиби ноиби ректор оид ба

муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Солҳои 2020-2021 ба ҳайси сардори бахши бақайдгирӣ ва шиносномадиҳии хобгоҳи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Солҳои 2021-2022 ба ҳайси сардори шӯъбаи дуюми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Солҳои 2022 то ҳол омӯзгори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кору фаъолият карда истодааст.

Диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 20-уми марти соли соли 2024, суратҷалаеаи №8 муҳокима гардидааст.

Пас аз баррасии диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи «Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Моҳияти тарбия дар ахлоқи насли наврас дар тамоми марҳилаҳои бакамолрасӣ, ворид намудани ҷавонон ба фазои фарҳангӣ, кумак дар интихоби бошуурона арзишҳо, бунёди тарҳи мувофиқи рафтор, мақсад ва вазифаҳо барои имрӯз ва оянда зоҳир мегардад. Синну соли мактабӣ марҳилаи мусоид дар ташаккули шахсияти шаҳрванди ватандӯст ва оиладӯстдор, ки метавонад мустақилона ҳаёти худро мувофиқи манфиатҳои ҷомеа, давлат ва оила ба роҳ монад, ба ҳисоб меравад. Дар ин самт, тарбияи писарон ва ба ҳаёти оилавӣ тайёр намудани онҳо ба нақши падарӣ, сарвари оила, такягоҳи маънавию моддӣ, махсусан вазифаи падарӣ муҳим ба ҳисоб рафта, диққати махсусро талаб менамояд.

Дар асоси таҳлили маълумоти мавҷуда оид ба хусусияти шароити ташаккул ва амалигардони вазифаю масъулияти падарӣ ҳамчун фаъолияти тарбиявӣ метавон маҷмуи ҷанбаҳои иҷтимоиву психологӣ, психологиву педагогӣ, фарҳангӣ-анъанавии муосирро, ки ба иҷрои нақши падарӣ таъсир мерасонанд, ҷудо намуд. Шароити ташаккули фаъолияти тарбиявии ҷавонписаронро чун падар ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо намудан мумкин аст. Омодагии муайяни психологӣ ба падарӣ ҳолати даркнамоиро ҳамчун имконияти идоракунии фаъолияти тарбиявии худ, пешбинии натиҷаҳои он дар асоси донишҳо, ба таври мувофиқ баҳогузорӣ ва арзишмандии онҳо, инчунин ба дигарон омӯзонидани дониш оид ба амали дуруст ва самаранок тасниф намудан мумкин аст.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар шароити имрӯза масъалаи ичтимоигардии гендерӣ, ин раванди азхудкунии накшҳои гендерӣ аз тарафи писарон ва духтарон, дар ҷомеа дарёфту тасдиқгардонии мавқеи ичтимоии онҳо муҳим ба ҳисоб меравад. Ба масъалаи мазкур таҳқиқотҳои сершумори равоншиносони мухталифи хориҷию ватанӣ бахшида шудаанд. Дар ин самт метавон таҳлили классикии равонии Ф. Зигмунд «Дастур барои шурӯъкунандагон» (2010), А. Фрейд «Назария ва амалияи равоншиносии кӯдакон» (1999), К. Хорни «Психологияи зан» (2009); назарияҳои муосири гендерии Ш.М. Берн «Давраи кӯдакӣ ва андрогинии калонсолон» (1996); равоншиносони рус Л.С. Виготский «Азнавсозии сотсиалистии одамон» (2016), П.П. Блонский «Фалсафа ва педагог» (2003), И.С. Кон «Психологияи ҷавонон» (1989), Я.Л. Коломинский «Инкишофи рӯҳии кӯдакон дар шароити муқарарӣ ва потологӣ» (2004), С.В. Мелков «Идеяҳо дар бораи робитаҳои сохтории худшиносӣ ҳамчун заминаи методологии омӯзиши шахсияти гендерӣ» (2017) ва дигаронро махсусан қайд намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Дар асоси таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ, омӯзиши таҷрибаи мактабҳои олӣ, дарёфт намудани усули бартараф намудани номувофиқиҳо проблемаи таҳқиқот, муайян кардани шартҳои педагогии раванди пурсамар гардонидани фаъолияти таълимӣ-маърифатии писарон. Мавзуи илмӣ «Асосҳои ичтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба ичрои вазифаи падарӣ» ки дар Маркази миллии патенту иттилоот таҳти №9090 аз 24.01.2024 ба қайд гирифта шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** мазкур пешниҳоди консепсияи мукаммали (аз ҷиҳати назариявӣ) таҳия кардашуда, ки он ба коркарди асосҳои ичтимоиву педагогии тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо ба ичрои вазифаи падарӣ дар ҷомеа мусоидат менамояд ва бояд минбаъд баҳри баланд бардоштани самаранокии раванди тарбияи гендерӣ дар мактаб мусоидат намояд.

**Мавзуи таҳқиқот** асосҳои ичтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба ичрои вазифаи падарӣ (дар ҳамкории муассисаи таҳсилотӣ ба хонавода) ба ҳисоб меравад.

**Саҳми шахсии довталаб** дар таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯи таҳқиқи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст.

**Дар раванди таҳқиқот усулҳои зерин истифода гардидааст.** Дар раванди тадқиқот бо мақсади амалӣ гардонидани вазифаҳои гузошташуда ва санҷиши фарзияҳои илмӣ маҷмӯи методҳои тадқиқотии зерин мавриди истифода қарор дода шудаанд: омӯхтани адабиёт оид ба мавзӯи тадқиқ,

навъбандӣ, муқоиса, ҷамъбастнамоӣ банизомдарорӣ, тарҳҳрезии масъалаҳои тарбияи писарон; таҳлили натиҷаи фаъолияти педагогӣ, мушоҳида, сӯҳбат, саволномаҳо; омӯзиши таҷрибаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти кори тарбиявӣ: *кори санҷишӣ-таҷрибавӣ*, *методҳои омори математикӣ*.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:**

- масъалаҳои мухталифи тарбияи писарон, ба ҳаёти оилавӣ ва мустақилона омода намудани онҳо дар педагогикаи гендерии муосир ба таври маҷмӯавӣ баррасӣ гардида, дар ин самт проблемаҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд. Ҷанбаҳои гуногуни педагогикаи гендерӣ, ҷойгоҳи тарбияи писарон дар он ба таври мушаххас мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор дода шудаанд;
- ба таври маҷмӯавӣ афкори мутафаккирони тоҷику форс дар доираи педагогикаи халқи тоҷик дар тарбияи писарҳо мавриди омӯзиш, баррасӣ ва баҳогузорӣ қарор дода шуда, нақши онҳо дар тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба вазифаи падарӣ ошкор карда шудааст;
- омилҳои иҷтимоӣ-педагогии омодагии писарон ба ҳаёти мустақилона ва иҷрои вазифаи падарӣ дар оила ба таври умумӣ таҳқиқ гардида, дар ин самт мушкилоти ҷойдошта, проблема ва монеаҳои мавҷуда ошкор гардида, роҳҳо ва воситаҳои бартарафнамоии онҳо таҳлил карда шудаанд;
- заминаҳои психологӣ-педагогии тарбия ва омодагии писарон ба нақши падарӣ дар шароити муосир ошкор гардида, ҳолатҳои самаранок гардидани чунин тарбия ва омоданамоӣ бо таҳлилҳои мушаххас муайян карда шудаанд;
- истифодаи арзишҳои маънавӣ дар тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба нақши падарӣ ба таври маҷмӯавӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифта, нақши онҳо дар ин раванд бо таҳлилҳои мушаххас ошкор карда шудааст;
- ҳамкориҳои оила ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар тарбияи писарҳо ва омода намудани онҳо ба нақши падарӣ баҳогузорӣ карда шуда, зарурати чунин ҳамкорӣ дар самаранок гардидани раванди тарбияи писарон ошкор карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқ мебошанд:

- *банди 1.* Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо;
- *банди 2.* Амсиласозии равандҳои иҷтимоӣ-педагоӣ дар муассисаҳои таълимӣ;
- *банди 4.* Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ);

– *банди 5.* Меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 9 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 5-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашриёҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Охирсухан», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 187 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, 10 расму диаграмма ва 7 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 185 номгӯй мебошад.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**
**а) Мақолаҳое, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР чоп шудаанд:**

[1-М]. *Аззизода, Р. Н.* Зарурати омӯзиши масъалаҳои омода намудани ҷавонон бо нақши падарӣ дар шароити истиқлолияти миллӣ [Матн] / Н.Р. Аззизода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2020. – №1-2 (74). – С. 87-91. ISSN-2663-5534.

[2-М]. *Аззизода, Р. Н.* Консепсияи тарбияи писарон дар педагогикаи халқи тоҷик [Матн] / Н.Р. Аззизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10. – С. 457-461. ISSN-2663-5534.

[3-М]. *Аззизода, Р. Н.* Андешаҳои Абуалӣ Ибни Сино оид ба оила ва фарҳанги оиладорӣ [Матн] / Б. Маҷидова, Н.Р. Аззизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №5. – С. 261-268. ISSN-2663-5534.

[4-М]. *Аззизода, Р. Н.* Омилҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарон ба иҷрои вазифаи падарӣ [Матн] / Н.Р. Аззизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №8. – С. 257-262. ISSN-2074-1847.

**б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашриёҳо ба табъ расидаанд:**

[5-М]. *Аззизода, Р. Н.* Нақши падар ва тарбияи писарҳо дар омода намудани ҳаёти оилавӣ [Матн] / Н.Р. Аззизода // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами сармоягузории давлатӣ ва муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

ҷаҳон оид ба сиёсат, ҳуқуқ, иқтисод ва сохтори давлатдории имрӯза». – Данғара, 2023. – С. 161-167.

[6-М]. ***Аззизода, Р. Н.*** Роҳҳои баланд бардоштани ҳамкории оила ва муассисаҳои таҳсилотӣ дар тарбияи наврасон-писарон ба иҷрои вазифаи падарӣ [Матн] / Н.Р. Аззизода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Талаботи замони муосир ба қобилиятҳои педагогӣ-психологии омӯзгор». – Кӯлоб, 2023. – С. 328-335.

[7-М]. ***Аззизода, Р. Н.*** Нигоҳе аз афкори тарбиявии Мавлоно [Матн] / Н.Р. Аззизода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзӯи «Мавлоно ва ҷаҳони муосир». – Бохтар, 2023. – С. 243-247.

[8-М]. *Маджидова, Б.* Роль устойчивой семьи как главного элемента общества в образовании детей [Матн] / Б. Маджидова, **Н.Р. Аззизода** // Материал международный научно-практический журнал «XIX глобалные науки и инновации 2023: Центральная Азия». – Астана, Казахстан, 2023. – С. 91-94.

[9-М]. *Majidova, B.* The main stages of organization and development of distance education in the world education system and the republic of Tajikistan [Text] / B. Majidova, **R.N. Azizzoda** // International Science Conference «Science. Education. Practice». (April 8, 2023 Delhi, India), 2023. – P. 110-113. – DOI 10.34660/INF.2023.88.51.081.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва шунидани фикру андешаҳои олимону мутахассисон, ки дар он 25 нафар иштирок дошт, қарор қабул кард:

**ҚАРОРИ ҶАЛАСА**

1. Диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи «Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ», ба ҳама талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати диссертатсияҳои номзадӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз 30.06.2021) ҷавобгӯ буда, ба пуррагӣ аз рӯи талаботи шиносномаи ихтисоси ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) омода гардидааст.
2. Диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи «Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-030-и назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 20-уми марти соли соли 2024, суратҷаласаи №8 қабул гардидааст.

***Натиҷаҳои овоздиҳӣ:*** «тарафдор» – 25 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Қарор якдилона қабул гардидааст, протоколи №8 аз 20.03.2024.

Раиси ҷаласа,
мудири кафедраи педагогика,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бобоева Г.Ш.

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгор Каримова М.М.

Имзоҳои Бобоева Г.Ш., ва Каримова М.М.-ро
тасдиқ мекунам: Сардори ШК ва КМ Шукурзод Ҷ.А.